Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: 734067, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14)

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султонов Зубайдулло Султонович ба диссертацияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи “Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир”, ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.07 – молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.**

Диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич, ки дар мавзӯи “Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир” барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод шудааст, дар доираи шиносномаи ихтисоси 08.00.07 –Молия, муомилоти пулӣ ва қарз иҷро шуда, ба бандҳои

10.2. Проблемаҳои таъмини заминаҳои институтсионалии рушди бахши бонкӣ ва иртиботи мутақобилаи он ба бонки миллии Тоҷикистон;

10.3. Проблемаҳои таъмини ҳамоҳангии макросиёсат ва макроравиши пулию қарзӣ ва бонкӣ нисбат ба рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

10.4. Проблемаҳои таъмини сиёсати мутавозини бонкӣ дар соҳаи сармоягузорӣ, қарздиҳи ва ташаккули дороиҳои ғайрифаъоли бонкӣ дар ҳамаи масири сарчашмаҳо ва захираҳо;

10.7. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳо бо иштироки давлат, бонкҳо бо иштироки хориҷиён, инчунин бонкҳои минтақавӣ;

10.13. Проблемаҳои арзёбӣ ва таъмини эътимоднокии бонк, мувофиқ мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич, дар мавзуи “Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир” мувофиқ ба талаботи нақшаи солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, иҷро шудааст.

Расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, иҷро намудани нишондиҳандаҳои Стратегияи миллии рушди мамлакат то давраи соли 2030, саноатикунонии босуръат ва гузаштан ба модели иқтисодиёти саноатӣ – аграрӣ якчанд маротиб зиёд кардани маблағгузориро талаб менамояд. Сарчашмаҳои

маблағгузорӣ тавре, ки маълум аст ин сармояи худии соҳибкорон ва бозори молия мебошанд.

Дар шароити иқтисодиёти бозори сарчашмаи асосии бо маблағ таъмин намудани иқтисодиёти милли ин бозори молия, ки аз се сегмент бозори қоғазҳои қиматнок, бозори суғурта ва бозори қарз иборат мебошад. Дар ҷумҳури бозори қогазҳои қиматнок ва бозори суғурта рушд наёфтанд ва дар сармоягузории иқтисодиёт ҳиссаи хело кам доранд. Сармоягузории асосӣ бозори қарз мебошад, ки тавассути низоми бонкӣ соҳаҳои хоҷагии халкро бо пул таъмин менамояд ва беҳуда нест, ки дигаргунсозиҳои иқтисодиёти мамлакат аз ислоҳоти низоми бонкӣ ва ташаккулёбии муносибатҳои нави пулию қарзӣ оғоз ёфт.

Сохтори бонкӣ ба яке аз бахшҳои калидии мустақили иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, ҳамчун институти молиявии миёнарав дар байни харидору фурушандаи пул амал менамояд. Ин ҷараёни муносибатҳои пулиро таъмин намуда талаботи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ қарзиро қонеъ менамояд ва рушди босуботи иқтисодиёти кишварро таъмин карда истодааст. Сифати хизматрасонии низоми бонкӣ, самаранокии амалиётҳои бонкӣ аз устувории молиявӣ, истифодаи технологияи навини соҳаи бонкдорӣ, дараҷаи донишу малакаи кормандони соҳа вобаста мебошад. Устувории низоми бонкӣ омили асосӣ ва гарави устувории иқтисодиёти мамлакат мебошад ва дар давраҳои ноустувории низоми бонкӣ иқтисодиёт ҳам ноустувор мешавад. Чи тавре ки маълум аст, сарчашмаи асосии бухронҳои иқтисодӣ ин бухрони ноустувории бонкҳо мебошад Аз ин лиҳоз, таҳқиқи такмили механизми устувории низоми бонкӣ талаботи объективӣ буда, мубрамияти кори диссертатсионии Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевичро нишон медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Навгониҳои илмии тадқиқотии диссертатсионии Нуров М.Р. на танҳо дар самти асосноккунии ҷиҳатҳои методӣ ва назариявии устувории ташкилотҳои молиявию қарзӣ, истифодабарии самаранокии захираҳои пулии низоми бонкӣ зоҳир мегардад, балки чандин тавсияҳо оид ба такмил додани механизми устувории низоми бонкии кишвар аҳамияти амалӣ доранд.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ҳамчун навгониҳои илмӣ баррасӣ шудаанд, аз бандҳои зерин иборат мебошанд:

- вобаста ба заминаҳои ташаккул, зарурат ва аҳамият, таъмини роҳҳои фаъолгардонии бахши бонкӣ, назарияҳои асосии олимони соҳа, ки ҷараёни ташкили низоми бонкиро бо назардошти хусусиятҳои асосӣ ва мундариҷаи густариши низоми бонкӣ ва дар давраи тағйирёбии сохтори сиёсии давлат ифода менамояд, дар бар гирифта, тавсифи бонкҳои тиҷоратиро вобаста ба зарурати иқтисодии онҳо дар бар мегирад, ба як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ такя мекунад.
- дар марҳалаҳои хоси иқтисодӣ таҳлил ва арзёбии ҷараёни устувории фаъолияти бонкҳо дар ҳамбастагӣ бо равандҳои гуногуни иқтисодӣ, ки онҳо

бо равандҳои таъсиррасон ба устуворӣ, пардохтпазирӣ ва босуботии низоми бонкӣ алоқаманданд, ошкор карда шудааст;

- вобаста ба мавқеъ, сохтор, ҳиссаи фаъолият, арзёбии умумӣ, таҳлили тавозун, сиёсат, рушди якхелаи бонкҳо, мутобиқати рушди муҳити иқтисодии давлат, муаммоҳои низоми қарзӣ, омилҳои бесуботӣ дар доираи фарогирии хоҷагии халқ таснифи сатҳи устувории низоми бонкӣ пешниҳод шудааст;

- таҳлили вазъияти имрӯзаи қарзӣ ва захиравии низоми бонкӣ дар доираи нишондиҳандаҳои молиявӣ аз рӯйи ҳаҷм ва сохтори дороиҳо амалӣ ва роҳҳои имконпазири он вобаста ба гурӯҳбандии бонкҳо пешбинӣ гардидаанд;

- нишондиҳандаҳои алоҳида ва муҳими молиявии низоми бонкӣ, ки аз ҳаҷми дороиҳо, нишондиҳандаҳо вобаста ба пардохтпазирӣ, ҳаҷми қарзҳо, ҳаҷми пасандозҳо ва дигар масъалаҳои муҳими молиявӣ вобастаанд, бо муайян кардани сатҳи устувории низоми бонкӣ тавассути ҳалли муаммоҳои ҷойдошта дар доираи имкониятҳои эътимоднокии бонкҳои тиҷоратӣ муайян карда шудаанд;

- ҳолатҳои пешниҳоди такрории гарав ва дар заминаи он гирифтани қарз аз бонкҳо, инчунин, сохтакорӣ дар захираҳои нақдӣ дар филиалу марказҳои хизматрасонӣ дар минтақаҳои дурдаст бо ҳамкории соҳибкорон ва тоҷирони хурд ошкор гардид. Ғайр аз ин, дар заминаи ташкили муҳити гуногунрангсозӣ, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таъсири омилҳои хатарафзо сатҳи низоми бонкиро коҳиш медиҳад, нақша таҳия гардида, механизмҳои имконпазири рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи гуногунрангсозӣ пешбинӣ гардидааст.

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима се боб хулоса пешниҳодҳо, руйхати адабиёт аз 201 номгуй, 13 ҷадвал, 6 расм, 10 диаграмма, 2 замима, дар ҳаҷми 178 саҳифаи чопӣ иборат мебошад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Аҳамияти мустақили амалӣ дар таҳияи диссертатсия, ки ҳамчун нуқтаи ҳимояшаванда мебошанд, инҳоро дар бар мегиранд:

1. Муайян кардани давраҳои рушди низоми бонкӣ вобаста ба падидаҳои бавуҷудомада, ки асоси воқеии рушди низоми бонкӣ мебошанд;
2. Дараҷабандии равандаҳои таҳлил ҳангоми арзёбии омилҳои истифодашавандаи муаммоҳои низоми бонкӣ ва ҷузъҳои асосӣ ва таркибии устувории молиявии бонки тиҷоратӣ;
3. Вобаста ба шароит ва дигар имкониятҳои мавҷуда муайян кардани равандҳои устуворӣ, ки фарогири масъалаи сиёсати бонк, захираҳо ва дигар имкониятҳо мебошанд;
4. Дар шароити доимотағйирёбандаи иқтисодиёти имрӯза муайян намудани иқтидори қарзӣ ва муаммоҳои дар ин самт ҷойдошта бо таъсири омилҳои субъективӣ ва обективӣ муайян карда шудааст;
5. Масъалаҳои асосии арзёбии устувории нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ дар доираи имкониятҳои молиявии онҳо ва роҳҳои имконпазири ҳали мушкилотҳои мавҷуда пешниҳод шудааст;

6. Усулҳои муайян кардани усувории низоми бонкӣ вобаста ба меъёрҳои пардохтпазирӣ ва тавсифи равандҳои арзёбии омилҳои алоҳидаи усуворӣ ва осебпазирии низоми бонкӣ таҳқиқ шуда, таъмини устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи нақшаи муайяни гуногунрангсозӣ бо дурнамои рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ пешниҳод гардидааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Андешаҳои назариявӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда дар рушду густариши назарияи низоми бонкӣ устувории ташкилотҳои молиявию қарзӣ саҳмгузор хоҳад шуд.

Таҳқиқи моҳияти иқтисодии ташаккули низоми бонкӣ, омилҳои асосии усуворӣ, босубот ва пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ, нақши ташкилотҳои қарзӣ дар ташкил ва танзим намудани муомилоти пулӣ, маблағгузории рушди соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт, хулосаи рушди соҳибкории инноватсионӣ ва азхудкунии истифодабарии захираҳои табии ва истеҳсолии маҳалҳо ҳаҷми кофии маводҳо дараҷаи асоснокии ва эътимоднокии корӣ диссертатсиониро ниошн медиҳал. Таҳлили илмии рушди низоми бонкии ҷумҳурӣ ва устувории нишондиҳандаҳои ташкилотҳои молиявию қарзӣ, равандҳои солимгардонии фаъолияти бонкҳо ва дар ин асос коркарди хулосаю андешаҳои тавсияшуда эътимоднокӣ ва асоснокии таҳқиқот мебошад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:**

Муқаррароти кори диссертатсионӣ барои васеъ намудани ҷанбаҳои методологию илмии таҳқиқот дар самти устувории низоми бонкӣ, ташаккулу истифодабарии захираҳои молиявию қарзии бахши бонкдорӣ, муайян намудани мавқеъи низомӣ бонкӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат ва ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ саҳми арзанда мегузорад.

**Аҳамияти амалӣ ва иқтисодии таҳқиқот**

Истифодабарии натиҷаҳои таҳқиқот, тавсияҳо чорабиниҳои пешниҳодшуда оид ба такмил додани механизми устувории низоми бонкӣ, роҳҳои ҷалб намудан, тақсим ва истифодабарии воситаҳои пулӣ, омилҳои таъмини устувории нишондиҳандаҳои ташкилотҳои молиявию қарзӣ, зарурияти маблағгузории кофии рушди соҳибкории инноватсионӣ ва соҳаҳои воқеъии иқтисодиёт аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад. Ҳамчунин паҳлуҳои алоҳидаи кори диссартатсионӣ метавонад дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми таълимдиҳи фанҳои “пул, қарз, бонк,” “сармоягузорӣ”, “менеҷменти бонкӣ”, “молия ва қарз” мавриди истифода қарор гиранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷалаҳои аз тарафи КОА эътирофшуда, чоп карда шудаанд. Натиҷаҳои

асосии диссертатсия дар конфренсояҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва семенарҳо муҳокима шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА**

Диссертатсия ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шӯрои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**Мундариҷаи кор. Ҷанбаҳои мусбӣ ва норасиҳо.**

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, мақсад, вазифаҳои объект, мавзуъ, марҳила, асоснокии назариявӣ, асосҳои методологӣ, навгониҳои илмии таҳқиқот ва ғайра баррасӣ шудаанд.

Дар боби якум асосҳои ташаккули низоми бонкӣ ва аҳамияти иқтисодии он дар ҷомеа, масъалаҳои ташаккули низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити иқтисодиёти давраи гузариш, омилҳои асосии устуворӣ, босуботӣ, ва пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ, таҳқиқ шудаанд.

Дар параграфи 1. Боби 1 таърихи пайдоиши бонкҳои тиҷоратӣ аввалин пардохтҳои ғайринақдӣ, ҷараёни қарздиҳӣ ва ҳисобаробаркунӣ, асосҳои амалиётҳои бонкӣ, афзудани талабот ба хизматҳои бонкдорон дар давлатҳои ғарбии Аврупо, таърихи бонкдорӣ дар Руссия ва ғайра таҳқиқ шудаанд.

Ҳамчунин дар ин зербанд ақидаи олимон ва иқтисодшиносон оид ба пайдоиши бонкҳо ва амалиётҳои бонкӣ, пайдоиш ва истифодабарии билетҳои бонкӣ дар муомилот, таърихи бонкдорӣ дар сарзамини тоҷикон баррасӣ шудааст. (С. 23)

Аз рӯйи як қатор бозёфту равандҳои таърихнигорӣ дар самти таърих, тамаддун, фарҳанг, миллат, ёдгориҳои таърихӣ, аз он ҷумла дар самти бозёфтҳои пулӣ давлати тоҷикон симои ягона ва намуна дар миқёси ҷаҳон, аз лиҳози доштани пулу муомилоти пулӣ, бонку бонкдорӣ ва дигар унсурҳои ба ин самтҳо хос яке аз аввалинҳо буда, аксари давлатҳои пешрафта ин таҷрибаро дар самти муомилоти пулию бонкдорӣ аз миллати тоҷик ва давлати тоҷикон омӯхтаанд. Асоси ин гуфтаҳоро ҳамчун далел дар давраи Сомониён дида метавонем, ки чунин муомилот ва амалиётҳое, ки дар таърихи давлатҳои пешрафта қайд намудем, ба чашм мерасад.

Дар параграфи 2 боби 1 дуруст қайд гардидааст, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳои давлатӣ, бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ҳамчун муҳаррики асосии пешбарандаи иқтисодиёт амал мекунанд, Аз ин лиҳоз, онҳо метавонанд тавассути танзим ва дуруст ҷо ба ҷо гузоштани маблағҳои пулӣ дар самтҳои афзалиятноки истеҳсолот, ба монанди истеҳсолоти афзалиятдор, тиҷорат, хизматрасонӣ ва як қатор масъалаҳои дигар устувориро таъмин намоянд. Гуфтан мумкин аст, ки бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун ҷузъи фаъоли иқтисодиёт метавонанд тавассути дастгириҳои молиявӣ дар иқтисодиёт якчанд дигаргуниҳо ворид созанд.

Боби дуюм “Таҳлили рушди нишондиҳандаҳои низоми бокии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаммоҳои он” ба таҳлили устувории нишондиҳандаҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарздиҳии низоми бонкии мамлакат ва муаммоҳои иқтисодии он таҳлили нишондиҳандаҳои алоҳидаи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаммоҳои он бахшида шудааст.

Рушди низоми бонкии кишвар дар солҳои соҳибистиқлоли дар асоси таҳлили хамаҷонибаи маводҳои омории ҷамъоварда, ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ ба нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ ба монанди: шумораи бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, пардохтпазирии низоми бонкӣ, даромаднокии низоми бонкӣ, фоидаи бонкҳо, бақияи пасандозҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ, фондҳои пулии низоми молиявӣ, сифати сандуқии қарзии низоми бонкӣ ва ғайра гузаронида шудааст. Дар асоси таҳлилҳо ва бо назардошти имкониятҳо, ва нишондиҳандаҳои манфӣ ва мусбии рушди низоми бонкӣ, муамммоҳои ҷойдошта дар бахши бонкдорӣ барои солимгрдонии фазои захиракунӣ ва бехатарии сафарбасозии захира ба қарз дар саҳифаи 92 якчанд чорабиниҳо пешниҳод шудаанд, ки қобили қабул мебошад. Ҳамчунин, хулосаю пешниҳодҳои дар саҳифаи 94 овардашуда аҳамияти амал, доранд.

Пешниҳодҳои зерини унвонҷӯй ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди шумораи бонҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо молиявию қарзӣ қобили қабул мебошанд.

- фароҳам овардани инфрасохтори рушд дар заминаи дастгириҳои бевоситаи Бонки миллии Тоҷикистон;
- баланд намудани ҳаҷм ва сармояи оинномавӣ ҷиҳати таъсиси бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ;
- ташкил намудани муҳити рақобат байни бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои молиявию қарзии ғайрибонкӣ;
- додани иҷозатномаи амалиёти қарзӣ ба ташкилотҳои молиявӣ;
- бемаҳдуд зиёд намудани шумораи ташкилотҳои молиявию қарзӣ дар бозори бонкӣ ба монанди ширкатҳои ломбардӣ, фючерсӣ ва монанди инҳо;
- дар асоси андешидани чораҳои зарурӣ зиёда аз 50% бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ба бонкҳои низомсоз табдил дода шаванд.

Ҳамзамон, дар боби сеюм унвонҷӯй ба пурзӯр намудани зарурати назорати микропруденсиалӣ, ки танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзиро дар алоҳидагӣ фаро мегирад, таваҷҷуҳи хоса додааст.

**Дар кори диссертатсиони баъзе камбудиҳо ва норасогиҳо ҷой доранд.**

1. Дар боби якум, ки ақидаи иқтисодшиносон ва олимони хориҷию ватанӣ мактабҳои илмӣ оид ба масъалаҳои устувории низоми бонкӣ, муаммоҳои ташкилотҳои қарзӣ оварда шудаанд. Аммо мавқеи унвонҷӯй олимон, дуруст ё нодурустии онҳо муайян нашудааст.
2. Дар саҳифаи 109 навишта шудааст, ки “ҷиҳати ноил гаштан ба мақсадҳои фосилавии сиёсати макропрунденсиалӣ, Бонки миллии Тоҷикистон фишангҳоеро, ки аз ҷониби Кумитаи суботи молиявӣ ва ё аз ҷониби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ тавсия мешавад, инчунин фишангҳоеро, ки дар асоси баҳодиҳии низоми молиявӣ таҳия мегарданд, истифода хоҳад шуд.” Ба андешаи мо, бояд унвонҷӯи фишангҳои конкретиро барои истифодабари номбар мекард, чунки ба номгӯйи боло гапи холи.

Ин эрод ба гуфтаҳои дар саҳифаи 119 оид ба истифодабарии фишанҳои бе ном дахл дорад.

3. Дар саҳифаи 110 гуфта шудааст, ки "ҷиҳати рушди ҳаматарафаи соҳа ва дар умум рушди нишондиҳандаҳои низоми молиявии кишвар, гирифтани пеши роҳи тамоили коҳишёбии ташкилотҳои қарзӣ бояд ҳадафи асосӣ бошад". Ин андешаи дуруст аст, аммо муаллиф роҳҳои гирифтани пеши роҳи тамоили коҳишёбии ташкилотҳои қарзӣ ва дигар ташкилотҳои молиявию қарзиро пешниҳод накардааст.

4. Дар ҷадвалҳои 3.3.2 (саҳ.149), 3.3.4 (саҳ.150) дурнамои дороиҳои низоми бонкӣ то соли 2030 оварда шудааст. Вале, номаълум дар ҳисоби дурнамо унвонҷӯи кадом методҳои дурнамосозиро истифода бурдааст.

5. Дар ҷадвалҳо давраҳои таҳлил ҳархела. Мисол, рақамҳо ва давраи таҳлил дар ҷадвали 2.1.1-2015-2021; ҷадвалҳои 2.1.2,2.2.2-солҳои 2017-2021;ҷадвалҳои 2.1.2,2.2.2-солҳои 2014-2021; ҷадвали 2.3.2-2012-2021; ҷадвали 3.1.1.-2019-2022 ва ҷадвали 3.2.1.-2010-2021.

Эроду дархостҳои дар боло зикр шуда сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевичро коҳиш намедиҳанд, чунки баъзе аз онҳо баҳсталаб, дигараш тавсиявӣ мебошад.

Дар кулл, диссертатсия таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ, тавсияҳои амалию методӣ дошта, мустақилияти унвонҷӯиро дар масъалаҳои ҳалли такмили механизми устувории низоми бонкӣ ва роҳҳои ҳалли муаммоҳои дар ин бахш ҷойдоштаро тавсия менамояд.

Автореферат ва мақолаҳои илмии нашршуда мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намудаанд.

Аз нигоҳи мазмуни илмӣ, мундариҷа ва шакли баён диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи "Танзими механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир" кори илмиву тахассусӣ буда, дар он ҳалли муаммои илмӣ, ки аҳамияти муҳиму афзалиятнокро дар рушди бонкдории кишвар доро аст, ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич сазовори гирифтани дараҷаи назди илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон **Султонов З. С**

**Суроға:** ш. Душанбе, к. М. Турсунзода, 30.
**Почтаи электронӣ: sulton@mail.ru**
**Тел: (992)37221-35-50.**

Имзои профессор **З.Султоновро**
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо **Раҳимов А.А.**